# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6 D. КОА – 67-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ оид ба диссертатсияи номзадии Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи “Истилоҳоти тиббӣ дар осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)” барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. –Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович ба таҳқиқи ҷанбаи лингвистии истилоҳоти тибби суннатӣ дар мисоли истилоҳоти осори Ҳомид Зоҳидов “Канзи шифо” ва “Хазинаи тибби қадим” ихтисос дошта дар он хусусиятҳои луғавию маъноии истилоҳоти тиббӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.Дар забоншиносии тоҷик доир ба масъалаи омӯзиши истилоҳоти тиббӣ таҳқиқоти зиёд сурат гирифта бошад ҳам, то ҳол дои ба истилоҳоти тибби суннатии мардуми пажӯҳиши алоҳида сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, анҷоми рисолаи номзади доир ба ин навъи истилоҳот мубрам ва саривақтӣ маҳсуб меёбад.

Навгониҳои илмии рисолаи мазкур дар он заҳи мегардад, ки мавзуи мавриди пажуҳиш дар заминаи истилоҳоти тибби халқии мардуми тоҷик бори аввал мавриди таҳқиқи густурда қарор гирифта, вижагиҳои истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати маъно ва истифодаи онҳо дар ҷабҳаҳои гуногуни соҳаи тиб ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Ҳамчунин истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно ва мансубияти онҳо ба зершуъбаҳои тиб ба монанди номи бемориҳо, номи давоҳо, номи ахлоту рутубатҳо, номи васоили тиббӣ ҳангоми муолиҷа ва воҳиди вазну андозаҳои тиббӣ тасниф гардида, шарҳ дода шудаанд.

Истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати баромад ва истифодаи муродифоти онҳо дар забони тоҷикӣ, ҳамчунин дар тибби муосир нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати сохтор таҳлил ва баррасӣ карда шуда, ба сода, сохта ва мураккаб тасниф гардида мавқеи ибораҳои истилоҳӣ ва истифодаи онҳо дар тибби суннатӣ нишон дода шудааст. Илова бар ин дар диссертатсия доир ба этимологияи истилоҳоти тибби суннатӣ ва хусусиятҳои забонии онҳо маълумот дарҷ гардидааст.

Дар диссертатсия ҳамчун сарчашмаи маводи таҳлилёбанда осори луғатшинос ва табиби мардумӣ Ҳомид Зоҳидов “Канзи шифо” ва “Хазинаи тибби қадим” истифода шудааст. Ҳамчунин муаллифи рисола аз пажӯҳишҳои забоншиносони ватаниву хориҷӣ ба мисли В.В. Виноградов,

Д.Лотте,

Н.П. Кузикин, А.А. Реформатский, А.Д. Хаютин, Ж. Лазар, В.С. Расторгуева, И.М. Оранский, Т. Чавчавадзе, Л.Пейсиков, Ю.А. Рубинчик, Ҷ.И. Эделман, М. Муин, М.Т. Баҳор, М. Шакурӣ, Д. Саймиддинов, Ш. Рустамов, М. Қосимова, С. Назарзода, С. Сулаймонов, М.Ҳ. Султон, А. Байзоев, П. Нуров, О. Қосимов, С. Раҳматуллозода, Т. Ваҳҳобов, Т. Шокиров, А. Юсуфов, Ш. Ҳаитова, И. Эшматова ҳамчун маводи назарӣ истифода бурдааст.

Диссертатсияи унвонҷӯ Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович аз муқаддима, се боб фаслҳо ва зерфаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар оғози рисола рӯйихати ихтисораҳо (1 саҳ.) пешниҳод шудааст. Муқаддима бошад, 12 саҳифаро дар бар гирифта, мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳо, сарчашмаҳо, асосҳои назариву методологии таҳқиқот, навгониҳо, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва саҳми муҳаққиқ муаррифӣ карда шудаанд, ки метавон гуфт, ба таври зарурӣ ба талаботи таълифи рисолаи илмӣ мутобиқат мекунад.

Боби якум “Масъалаҳои назариявию амалии истилоҳнигорӣ ва хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тибби суннатии халқи тоҷик” буда, фарогири 33 саҳифа аст. Дар ин боб унвонҷӯ муҳимтарин масъалаҳои омӯзиши истилоҳоти илмӣ дар забоншиносии тоҷик, маълумоти мухтасар дар бораи манбаъҳои осори тиббии Ҳомид Зоҳидов, сохт ва вижагиҳои “Канзи шифо” ва “Хазинаи тибби қадим”, усулҳои истилоҳсозӣ дар ин асарҳо, ба таври мушаххас усули сарфӣ, наҳвию сарфӣ ва луғавию наҳвии истилоҳсозиро дар онҳо бо таҳлилҳои ҷиддӣ пешниҳод намудааст ва хулосаҳояш собит ҳастанд.

Масъалаи муҳими дигар дар “Канзи шифо” ва “Хазинаи тибби қадим”, ки аз рӯи ифодаи маъно ва семантика шарҳу таҳлил намудани истилоҳоти тиббии ин осор ба шумор меравад, боби дуюми рисола буда, унвони “Таснифоти истилоҳоти тиббии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» аз рӯйи маъно” (40 саҳ.) номгузорӣ шудааст. Дар ин боб, ки шомили панҷ зербоб аст, истилоҳоти ин осор ба гурӯҳҳои марбути бемориҳо, номи аъзои бадани инсон, номи ахлот, рутубат, моддаҳои бадани инсон, номи давоҳо, роҳҳои табобат, номи мизоҷ ва кайфияти давоҳову таъсири онҳо ба мизоҷи беморон, номи мавҷудоти муфтхӯр дар аъзои бадани инсон, воҳидҳои ченак, номи олот ва зарфҳое, ки барои тайёр кардани давоҳо истифода бурда мешаванд, гурӯҳбандӣ шудаанд. Ба назар мерасад, ки ин яке аз муҳассиноти қобили зикри тадқиқоти унвонҷӯ маҳсуб мешавад.

Боби сеюми рисола таҳти унвони “Истилоҳоти тиббии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» аз ҷиҳати баромад”(70 саҳ.) сурат гирифта, фарогири ду зербоб аст, масъалаҳои истилоҳоти аслӣ ва иқтибосӣ мавриди таҳлил ва тадқиқ гардидааст. Комёбиҳои назарраси муаллиф дар ин боб иборат аз он аст, ки вай муваффақ шудааст, истилоҳоти аслиро нишон диҳад, муайян кунад ва, сипас, истилоҳоти иқтибосии осорро ба гурӯҳҳои истилоҳоти арабӣ, юнонӣ, туркӣ, суриёнӣ, ҳиндӣ ва муарраби тоҷикӣ гурӯҳбандӣ намояд.

Дар қисмати хулоса муҳимтарин дастовардҳои ин тадқиқот зикр ёфтааст. Номгӯи адабиёт мувофиқи талаботи рисолаҳои илмӣ таҳия гардидааст.

Автореферати диссертатсия моҳияти диссертатсияро ба пуррагӣ фаро мегирад.

Муҳтавои рисола дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар маҷмуаҳои илмии гуногун баён гардидаанд.

Комиссияи экспертӣ дар асосӣ банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд.

1. Диссертатсияи номзадии Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи “Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 67-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илми филология, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии МДТ “Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ “МИСИС” дар шаҳри Душанбе;
- **Юсуфов Абдулло Исмоилович** – номзади илми филология, директори маркази тарҷумаи адабиёт ва истилоҳоти соҳавии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи тиббии ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ” пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илми филология,
аъзои шурои диссертатсионӣ Назарзода С.

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Султон Ҳ.Б.

доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Нуров П.